Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ», доир ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мувофиқи автореферати рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти илмии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ ба омӯзиши ҷиҳатҳои назариявию амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистони муосир бахшида шудааст. Интихоби мавзӯи мазкур, бо таваҷҷӯҳ ба соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо шудани масъалаҳои нави муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла тиҷорати байналмилалӣ, ки масоили муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро дарбар мегиранд, мубраму муҳим будани таҳқиқоти диссертатсиониро шаҳодат медиҳад.

Аз мазмуни автореферати таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб иборат аст. Дар боби якум фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва хусусияти он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф ёфтааст. Дар ин боб муаллиф мавқеъҳои умумии методологӣ оид ба масъалаи таҳқиқшавандаро тавзеҳ ва мафҳумҳои асосии таҳқиқотро шарҳ додааст. Ҳамчунин дар ин боб оид ба масъалаҳои мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюм ба таҳқиқи илмӣ-назариявии нақш ва мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бахшида шудааст. Ин боб дар воқеъ қисми марказию бунёдии таҳқиқоти диссертатсионӣ аст, зеро дар он таҳлили илмӣ-назариявӣ, амалӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷии салоҳияти умумӣ ва махсусдошта, ҷабҳаҳои ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар амалисозии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки ба созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бахшида шудааст, муаллиф оид ба нақш ва аҳамияти Созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, манфиатҳои миллии давлат ҳамчун самти афзалиятнок дар амалисозии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, механизми ҳифзи ҳуқуқи субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ кардааст. Автореферати диссертатсия дар маҷмӯъ аз ҷиҳати мазмун мукаммалу ягона буда, натиҷаву муқаррароти илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи он аз саҳми шахсии муаллиф дар илм гувоҳӣ медиҳанд.

Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин маротиба дар илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ таҳқиқи маҷмаавии назариёти илмии оид ба муаммои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ гузаронида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии имлӣ-назариявӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба амал баровvarда шудааст. Дар диссертатсия ба таҳлили мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқуқӣ, мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст.

Муаллиф дар заминаи маводи васеи илмӣ муаммои ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро дар Тоҷикистони муосир, бештар аз он дар замони ҳамгироии байналмилалӣ ҷамъбаст намуда, дуруст қайд кардааст, ки он аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ дорад. Таҳлили унсурҳои падидаи таҳқиқшаванда ба муаллиф имкон додаанд, ки дар хусуси ин муаммои хеле мураккабу нави илмӣ-назариявӣ хулосаҳои илман асоснок барорад. Хулосаҳои назариявии диссертатсияро дар раванди тадриси фанни ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, инчунин ҳангоми ҳаллу фасли парвандаҳои мушаххаси гражданӣ, иқтисодӣ ба сифати маводи назариявӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, дар баробари комёбиҳои зикршудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, баъзе эродҳоро низ нисбати он мавриди зикр мешуморем:

1. Дар нуктаи 5-уми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф қайд менамояд, ки "муқаррароти поквиҷдонӣ, одилонагӣ, ростқавлӣ дар меъёрҳои моддаи 10-и КГ ҶТ на балки «дар назар» дошта шуда бошад, балки тарафҳо «уҳдадор бояд бошанд», мустаҳкам карда шавад." Пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия тафовути болозикр муфассалтар шарҳ дода шаванд.

2. Аз мазмуни матни автореферат (с.18-19) маълум мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ нисбат ба вазъи ҳуқуқии субъектони салоҳияти умумӣ ва махсусдошта дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, хусусан дар танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Оид ба ин масъала дар автореферат маълумоти пурра дода нашудааст, ки аз диссертант шарҳи бештари онро талаб менамояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунанд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия **Ҳоҷибобо З. М.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
735700: шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17/1
Тел: (+992 3422) 2-18-90, (+992 92) 777-93-75
E-mail: azm1977@mail.ru

Имзои подполковники милитсия Ҳоҷибобо З.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШКҲШ,
подполковники милитсия Ҷабборова М.Н.

Шуъбаи кадрҳо